**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Акмалова Малоҳат Абдуллоевна дар мавзуи «Ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)**

Дар замони имрӯза масъалаи омода кардани мутахассисони баландихтисос ва рақобатбазир ба бозори меҳнат, инчунин шаҳрвандони аз ҷиҳати маънавӣ рушдкарда ва мусаллаҳ бо донишҳои замони муосир яке аз масъалаҳои муҳим ҷомеа ба шумор меравад. Тибқи маълумоти муҳаққиқони соҳа талабот ба кадрҳои баланд ихтисос ва мутахассисони ҳирфавӣ сол аз сол зиёд шуда, ҳамзамон омода кардани онҳо яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи маориф гардидааст.

Системаи маориф барои омодасозии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии бо ихтисосҳои гуногун дар заминаи талаботи замони муосир, истифодаи воситаҳои рушди таҳаввулии методикаи ташакулёфтаи таълимиро аз ҳисоби афзалиятҳои намоёни онро такмил дода, ҷиҳати дастраси доштани қишрҳои гуногуни ҷомеа ба таълимоти муосир имкониятҳои гуногунро фароҳам меоварад.

Масъалаҳои таъмини мутахассисони варзида ва омода кардани онҳо аз рӯйи касбҳои гуногуни ба завқи донишҷӯён хос аз мубрамияти мавзӯи тадқиқотӣ мебошад.

Педагогикаи муосир оид ба фаъолияти муассисаҳои таълимии касбӣ, аз рӯйи барномаҳои таълимии мавҷуда, чораёни омодашавии мутахассисон ва кадрҳои лаёқатмандро дар зинаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ мутобиқ ба талаботи бозори меҳнат пайгирӣ менамояд.

Унвонҷӯ Акмалова Малоҳат Абдуллоева пешниҳод дорад, ки барои насли наврас қабл аз гирифтани маълумоти олӣ бояд соҳибкасб шуданашон зарур аст. Бинобар ин пешниҳод мекунад, хонанда аз рӯйи ихтисосу завқаш дар литсей ва коллеҷҳои касбӣ соҳибкасб гардида, сипас ҷиҳати гирифтани маълумоти олӣ ба муассисаҳои олии касбӣ дохил гардад. Мавсуф андеша дорад, ки мутобиқсозии касбӣ рушди сифатҳои шахсии барои кори муваффақ зарурӣ, ташаккули самти касбии хонандагон, таваҷҷуҳ ба ихтисоси интихобкарда, қобилияти истифодаи донишҳои касбӣ ва малакаро дар ҳаёти воқеъӣ таъмин менамояд. Аз ин рӯ, қабл аз ҳама бояд самти ҷамъиятиву фоидаовари фаъолияти меҳнатии хонандагони синфҳои болоӣ, меҳнати пурмаҳсули онҳо дар ҳалли муҳимтарин

вазифаҳои иҷтимоӣ тақвият дода шавад, самаранокии иқтисодии он баланд бардошта шавад.

Дар ин бобат кори рисолаи номзадии Акмалова Малоҳат Абдуллоевна, ки муайян намудани шакл ва усулҳои фаъолияти якҷояи оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир дар тарбияи тамоилҳои касбии наврасону ҷавонон дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон мебошад, ба масъалаҳои зикрёфта бурхуд менамояд.

Интихоби объекти кори диссертатсия – раванди ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа дар самти роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон.

Наовварии илмӣ ва аҳамияти тадқиқоти Акмалова Малоҳат дар соҳаи педагогика мавзуи нав таҳқиқшудааст, ки қисми зиёди асар бори аввал дар чунин раванд пешниҳод карда мешавад ва навгониро худи муносибат ба масъалаҳои таҳқиқшаванда муайян мекунад - тадқиқоти пешниҳодшуда аввалин тадқиқоти илмии монографии асоси методологии технологоияи муосир мебошад.

Диссертация заминаи мустаҳками методологӣ дорад. Тадқиқот кори бисёрмарҳила нест ва он таҷрибаи шаш соли охирро дар соҳаи ҳамкориҳои оила бо муассисаҳои таълимиро дар бар мегирад.

Қимати амалии кор равшан аст. Маводҳои онро ҳам дар донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар кишварҳои дигари метавон истифода намоянд.

Рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои коре, ки барои ҳимояи хулосаҳо ва муқаррарот пешниҳод шудаанд, тавассути таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, истифодаи доираи хеле васеи усулҳои тадқиқот, инчунин истифодаи дурусти меъёрҳои оморӣ рӯи кор омадааст.

Сатҳи баланди рисолаи омодашударо қайд намуда, зарур шуморида, чунин эродро баён кунем:

- татқиқот танҳо дар муассисаҳои таълимӣ ва мактабу литсейҳо шаҳри Хуҷанд ба анҷом расонида шудааст, ба мақсад наздик мегашт дар сатҳи ҷумҳурӣ дар яке аз муассисаҳои таълимии пойтахтро истифода мекард.

- дар кори таҳқиқотӣ ғалатҳои имлоию техникӣ мушоҳида мегардад.

Умуман, ин мулоҳиза аҳамияти назариявӣ ва амалии рисоларо паст намекунад.

Дар асоси гуфтаҳои боло чунин мешуморем, ки кори рисолаи номзадии Акмалова Малоҳат Абдуллоевна дар мавзуи: «Ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон» мувофиқ аст. Оид ба додани унвони илмӣ асари илмию

тахассусие мебошад, ки дар асоси анҷоми он муаллифи тадқиқот асосҳои назариявиро таҳия кардааст, ки маҷмуи онҳоро метавон ҳамчун дастоварди калони илмӣ арзёбӣ кард ва муаллифи он Акмалова Малоҳат Абдуллоевна, сазовори гирифтани унвони илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) лоиқ дониста шавад.

Номзади илмҳои педагогӣ, директори
филиали Муассисаи давлатии
"Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили
ихтисос ва бозомӯзии кормандони
соҳаи маориф" дар шаҳри Душанбе Каримзода Ш.К.

12.02.2024

Суроға: 734000, шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода 8,
Тел: 938039392

Имзои Каримзода Ш.К.-ро тасдиқ мекунам
Мудири шуъбаи кадрҳо Шарифов А.